**АЛИДОДИ ЧАРОҒАБДОЛ**

# С А Б О Ҳ И
# М А Р Д О Н

**Душанбе**
**«АДИБ»**
**2011**

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ч -70

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

Ч-70 **Алидоди Чароғабдол. Сабоҳи мардон** (*шеърҳо*).
Душанбе «Адиб», 2011, 64 саҳ.

Шеърҳои Алидоди Чароғабдол ойинаи дили софи ӯст, ки ишқи поки Ватан дар ӯ партав афканда.

**ISBN 97899947-2-060-6**

**©Алидоди Чароғабдол, 2011.**

# Ӯ ҶОН ГУДОХТАСТУ АЗ ОН ШЕЪР СОХТАСТ

Вай Алидод аст, Алидоди Чароғабдол, ки беш аз сӣ сол боз шеър мегӯяд. Нарму дурушт мегӯяд. Вақте ки рӯбарӯи мухолифин меистод, тунд, «Дар хоби гарон рав, ки ҳамон хоби ту хуштар» мегуфту барои истиқлолияти тозаэҷоди миллати тоҷик садо баланд мекард. Душвор буд барои шоири бесилоҳ, вале қалами Алидод найзаву синони ӯ буд дар гирумонҳои сиёсӣ ва шоир истодагарӣ кард, то миллати азизи тоҷикаш соҳиби Истиқлолияти комил шуду Ваҳдати зебои миллат тавқи онро гулдӯзӣ кард.

Акнун Алидод бо нафаси тоза ва садои нарм «Руҷӯҳи рӯҳи Камол»-ро рӯи кор овард, ки мазмуни онро ваҳдату ба ҳам омадани миллати тоҷик пурра кардааст. «Шукри Ваҳдат» гуфта ба майдони адабиёт дилпурона ворид гардиду ситоиши бузургию безаволии «Забони тоҷикӣ»- ро ба ҳамдиёронаш қисса мекунд. Алидод шоир аст, шоири дастандаркор.

Китоби шоир бо номи «Сабоҳи мардон», ки бори нахуст чоп мешавад, аз се бахши гуногунмазмуни сиёсию иҷтимоиву лирикӣ фароҳам омадааст ва қазоваташро ба хонандаи гиромӣ ҳавола мекунем. Бигзор худашон гӯянд, ки Алидод шоири меҳнаткаш аст. Шеър месозаду ду се рӯз пас онро боз аз нав месозад зеботару самимитар. Ӯ заҳмат ба харҷ медиҳад, ки шеъри вай аз суханбозиҳои зиёдатӣ холӣ бошад. Тоҷикӣ мегӯяду мураккабро ҳам то андозаи тавонаш содаю равшан мегӯяд.

Алидод директори Китобхонаи вилоятии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳасту дар дасти вай бист нафар ҷавонзани китобдор кору фаъолият мекунанд. Вале ягон нафарашон то инҷониб надидааст, ки Алидод шеър нависад. Вале дар маҳфилҳои адабӣ ки моҳе ду се маротиба дар толори китобхона баргузор мегарданд,

сардори онҳо дар қатори Лаълҷубаю Муҳиддину Пайшанбе шеър мехонаду кафкӯбии самимона тӯҳфа мегирад.

Оре, шеърнависии ин шоири дар Бадахшон машҳурро ягон нафар корманд, ягон нафар рафиқаш надидааст. Вай дар сукути шаб то бевақтӣ шеър мегӯяду меҷунбад, меҷунбаду шеър мегӯяд, менависаду хат мезанад, хат мезанаду боз менависад.

Румайса (духтарчаи шоир) лаҳзаяке бедор мешаваду «Татик хофс, мотат сут» (дадаҷон хоб рав, ки монда шудӣ) мегӯяд. Алидод шоиронаю моҳирона аллааш мегӯяду чашмакҳои зебояш боз пӯшида мешаванд. Алидод боз хаму рост шуда, ба дафтараш навиштану хат задан мегирад. Соате пас садои омиронаи Зеби зебо (ҳамсари шоир) баланд мегардад: «а чорик хофс соат ду сат» (ай мардак хоб рав ки соат ду шуд)! Ба ин фармон як шоири бесилоҳ, бемодару падар итоат накардан наметавонист. Вале дар ҷойгаҳ боз муддате қум-қуму ҳум-ҳум мегуфт то даме ки панҷаҳои нарму гарми Зеб лабони ӯро батамом намебаст.

Субҳи хеле барвақт Алидод мехест, ки шеъри нотамоми «Ёди бачагӣ»-ашро дар сумкаи ҳамроҳаш андохта, ба саҳнаи ширчой омода мешуд.

Оре, шеърнависиашро то ҳол касе надидааст, то «Сабоҳи мардон»-аш омодаи чоп нашуд. Бале касе намедонист, ки Алидод дар дили шабҳо «Ҷонро гудохтасту аз он шеър сохтаст». Ӯ шоир аст шоири рангинхаёл.

**Ширин БУНЁД,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

# ДАР ЧАҲОРЧӮБАИ СИЁСАТ

# ДАР ХОБИ ГАРОН РАВ

Эй мӯниси инсони сухангиру суханрав,
Эй дидаи пӯшида, ту во кай шавӣ аз нав.
Бо ақлу хирад рӯ ба дари асли Худо шав,
Аз олами афсона бурун ою ба сӯи ҳақи рав,
Санге зи раҳат гиру ту бар қасди хатар рав.
Варна ки дар ин хоку само чист таку дав,
Дар хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон рав,
Дар хоби гарон рав, ки ҳамон хоби ту хуштар!

Чун хестӣ, оташ задӣ кошонаи худро,
Бо дасти худат кишвари худ додӣ ба яғмо,
Андар амалат нест ба ҷуз фитнаву балво,
Ҳар гуфтаи ту захри яқин аст на ҳалво,
Оне, ки ба пиндори ту волост, на воло,
Олам нигарон асту ту дар шӯришу ғавғо,
Дар хоби гарон, хоби гарон,хоби гарон рав,
Дар хоби гарон рав, ки ҳамон хоби ту хуштар!

Бархез, бигуфтем, шавӣ тоҷи сари мо,
Бархеста теғе бикашидӣ ба сари мо.
Бунёд намудӣ ту ситам дар гузари мо,
Саргаштаю сарсон шуда тоҷик ба ҳар ҷо,
Дегу табақу кӯрпаяшон бурдӣ ба яғмо
Бадному сияҳ гашт кӣ ҷон дод Ватанро,
Дар хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон рав,
Дар хоби гарон рав, ки ҳамон хоби ту хуштар!

Имрӯз на илмест ба мо раҳбари бедор,
Имрӯз на ҳилмест ба мо ҳодии ғамхор,
Имрӯз на қонун сари ҳукмест ба ҳар кор,
Қонун зи қонуншиканӣ гашт чунон хор,
Қонуншикан андар сари қонун шуда сардор,
Ҳар нуқтаи қонун бишикастанд дусад бор,
Дар хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон рав,
Дар хоби гарон рав, ки ҳамон хоби ту хуштар!

Ин фитна куҷо буд, ки омад ба сари мо?
Дар сурати «тоҷик» кӣ омад ба дари мо?
Эй дӯст, бубин, кист кунун ҳамсафари мо?
Аз аҳли ҷаҳон кист, бигӯ, ҳамназари мо?
Аз чист чунин ғусса ба ҳар як гузари мо?
Баргӯй, чиҳо мешавадо қисмати фардо?
Дар хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон рав,
Дар хоби гарон рав, ки ҳамон хоби ту хуштар!

Афсӯс, зи худ мо бигурезему зи фарҳанг,
Девонагие кардем афюн зада банг,
Қудрат зи куҷо рафтан аз ин доираи танг,
Дар навҳа фурӯ монда навоҳои наю чанг,
Аз хуни шаҳидони Ватан хок шуда ранг,
Ҳар рӯз ҳамон ҳамҳама бинем ба найранг.
Дар хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон рав,
Дар хоби гарон рав, ки ҳамон хоби ту хуштар!

Бедорӣ на он аст, ки бар пешу пасе дав,
Бедорӣ на он аст, ки ҳар ҷо бирасӣ, рав,
Ҳар чиз куҳан буд, иваз сохта ту бо нав,
Вайрон кунӣ сад кӯҳнаву носохта як нав,
Оташ бизанӣ шаҳраки худ , дида ту Маскав,
Чун гандумаке ҷилва кунӣ кам буда аз ҷав,
Аз хеш бурун ой, аз ин банд бадар шав,
Дар хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон рав,
Дар хоби гарон рав, ки ҳамон хоби ту хуштар!

Аллома нагуфтаст бикун ҳоли худӣ танг,
Фарёд зи Афранг бигуфтаст на фарҳанг,
Кай гуфт, ки бар тори сари хеш занӣ санг,
Мастӣ зи майи маърифате гуфт, на аз банг,
Панҷоб, нафармуд ба хун ғарқ куну Ганг
Таъмир бикун Машриқу вобар зи дилаш занг.
Дар хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон рав,
Дар хоби гарон рав, ки ҳамон хоби ту хуштар!

Гар меҳри халоиқ ба дилат ҳаст ниҳон, хез!
Таъмир кунӣ нек агар кӯҳначаҳон, хез!
Раҳ гар бикушойӣ ба дили халқи ҷаҳон, хез!
Шӯру шар агар дар дили ту ҳаст гарон, хез!
Кори ту агар рост биояд ба замон, хез!
Ҳар кардаӣ ту суд биорад на зиён, хез!
«Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!
Аз хоби гарон хез! ».

Соли 1993

## СИЁСАТ

Эй вой, чӣ даврасту чӣ даврони сиёсат,
Моем ҳама хастаи майдони сиёсат.

Бигзашт магар давраи ишқеву муҳаббат,
Ё ишқ фурӯшем ба дӯкони сиёсат.

Лайлӣ шуда маҳзуну ба раҳ чашмчаҳор аст,
Маҷнун шуда раҳгум ба биёбони сиёсат.

Ин роҳ пур аз хавфу хатар, роҳбаре нест,
Мансабталабоне шуда ҳайрони сиёсат.

Ҳар нокасу кас мушт ба сина зада бо фанд,
Ин зумра киёнанд, ки шуда сарсони сиёсат.

Эй вой, басо марди накӯкору накӯном,
Гаштанд сияҳнома ба бӯҳтони сиёсат.

Дӯшина бидидам, ки яке кӯрдили зор
Зад санги маломат бари мардони сиёсат.

Эй дӯст, ту андеша накардиву чӣ донӣ,
Болои сиёсат чиву поёни сиёсат.

Соли 1992

## ДИЛ

Дили инсон надорад майли ағёр,
Ва ҳам бошад ба асли худ вафодор,
Зи паймони муҳаббат гашта саршор,
Дили содиқ ниҳон дар синаи ман,
Дили ошиқ ниҳон дар синаи ман.

Дили пуршӯълае аз баҳри майҳан,
Дили пуроташе бар рағми душман,
Дили пурлолае аз ранги гулшан
Дили содиқ ниҳон дар синаи ман,
Дили ошиқ ниҳон дар синаи ман.

Дили пур аз умеду орзуҳо,
Варо ваҳдат шиору ҷустуҷӯҳо,
Дар он садҳо ҳазорон ишқи фардо,
Дили содиқ ниҳон дар синаи ман,
Дили ошиқ ниҳон дар синаи ман.

Диле, ки дар талоши дӯстдорист,
Ба рӯи дӯстон ҷонаш хуморист,
Дар он ваҳдат ба сӯи асл ҷорист,
Дили содиқ ниҳон дар синаи ман,
Дили ошиқ ниҳон дар синаи ман.

## ФАРДО ҲАМЕРАСАД

Имрӯз…
Имрӯз чуғди кӯр
Андар фазои тираи майҳан бубин ба ноз
Парвоз мекунад.
Имрӯз илм раҳбари бедори халқ нест,
Имрӯз боли дониши инсон шикастааст.
Имрӯз…
Имрӯз Аҳриман ҳама ҷо ханда мезанад.
Ҳастии мо, ту гӯӣ гули бесамар шуда,
Бечора миллатам тани бепову сар шуда,
Овора халқи ман ҳама бебому дар шуда.
Фардо…
Фардо, ки мерасад…
Фардо ҳамерасад ҳама бо рангу бӯи нав,
Бо сад паёми хуш,
Бо гуфтугӯи нав.
К-аз он тапад ба сина дилу шод рӯҳи мо,
Бо сад ҳазор шавқу ба сад гуна рангҳо,
Гӯӣ ба сад наво.
Андар миёни мардуми худ ҷилваҳо кунем,
Он вақт, гӯӣ дарди дили худ даво кунем!
Фардо, ки мерасад…
Фардо ҳамерасад.
Аз нав ниҳоли хотири мо сабз мешавад,
Дар боғи сабзгунаи паҳнои кишварам,
Гӯӣ дарахти ваҳдату ёриву дӯстӣ
Қад мекашад ба авҷи самоҳои нилгун.
Аз тори қулла шӯълаи заррини офтоб,
Бар рӯи он зи меҳр обшори нур.
Дар зери шӯълаҳои равонбахши Офтоб,
Бас ҷилваҳо кунад!
Фардо…
Фардо, ки мерасад…
Фардо ҳамерасад!

Соли 1993

## БОЗСОЗӢ

Бозсозӣ…
Бозсозӣ…
Олами гап…
Минбари гап…
Оқилон дилхастаю гардида хап.
Бозсозӣ…
Бозсозӣ…
Давраи пуршӯру ҷанҷол
Миллате бар миллати дигар занад чангол.
Арманӣ дар пушти хавфи озарӣ,
Озарӣ ҷӯёи марги арманӣ.
Узбаке аз қирғизе «озодӣ» меҷуст,
Қирғиз узбакро канад пӯст.
Тоҷикеро дил пуроташ
То Душанберо зад оташ.
Ҳар яке миллат, ки зарби муштҳо
бар синааш кӯфт,
Меҳри дигар миллате аз синааш рӯфт
Бозсозӣ гашта хавфи иттиҳод,
Оташе шуд иттиҳод андар ниҳод.
Он ҳама заҳмат, ки бурда аҳли меҳнат
Бозсозӣ дод бар бод…
Бозсозӣ дод бар бод!

Соли 1991

## ЧАРО?

Муслимин бо муслимин андар набард,
Ҳақ ба ақли мардуми муслим чӣ кард?

Бо шарофат сурхрӯӣ карда буд,
Сурхии ин марди муслим аз чӣ зард?

Чун кабӯтар боли парвозаш куҷост?
Пои худро аз чӣ андар банд кард?

Дар талоши худшиносӣ буду лек,
Хешро гум кард дар кӯи набард.

Пай наафканда бинои нав ҳанӯз,
Кулбаашро пас чаро вайрона кард?

Як дилеро гарм нокарда кунун,
Дар замираш мевазад ин боди сард.

Ҳам ту меҳру ҳам ту моҳӣ, муслимо,
Ҳам гадо, ҳам низ шоҳӣ некмард.

Нур бошад гар нишоне аз Худо,
Нурро дар дида шомил кун, на гард.

Пас, чаро бар теғ хоҳӣ даст зад,
Бо савобу бо хатоӣ ҳамнабард.

Гар хатои мо – савоби дигарон,
Пас хато бар қасди худ бояд накард.

# СУРӮШИ РӮҲИ КАМОЛ

*Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,*
*Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб.*
*(Камоли Хуҷандӣ)*

Эй ҳамватанон гашта парешон, ба ҳам оед !
Аз Вахшу Зарафшону зи Хатлон, ба ҳам оед!
Эй аҳли Хуҷанд , аҳли Бадахшон, ба ҳам оед!

Бар хок бирафтанд басо оқилу ялҳо,
Сӯҳроб чу шуд кушта ба майдони ҳиялҳо,
Дар таъзияти Рустами Дастон ба ҳам оед.!

Ман заҳри ғарибиву асирӣ бичашидам,
Аз Тӯхтамишхону зи Ҷӯҷӣ бирамидам,
Эй раста зи ҳар ғуссаи даврон, ба ҳам оед!

Дар мулки дигар ҷилва на беш аз гули хор аст,
Дар мулки ғарибӣ ҳама гулдаста зи хор аст,
Аз Ҳинду Хуросону зи Эрон, ба ҳам оед!

Аз дил бираҳонед ҳама фитнаву кина,
Дил пок бидоред чу оина ба сина,
Аз ғусса бурун гаштаву хандон ба ҳам оед!

Чун ҷӯй ба ҷӯй ояду дарё бишавад боз,
Андар дили анҳор ниҳон гашта дусад роз,
Ай розкушои дари кайҳон ба ҳам оед!

То ҳол маро ҳасрату ёде зи Хуҷанд аст,
Ин меҳри Хуҷанд асту вафодор дучанд аст,
Эй ворисӣ дар даҳр парешон, ба ҳам оед !

Сентябри соли 1996

## НАМЕХОҲАД ДИЛАМ
(Ба модарони ғамзадаи замони ҷанг)

Намехоҳад дилам бошӣ сияҳпӯш,
Ва ғам гардад туро сарбории дӯш.

Намехоҳад дилам ғамнок бошӣ,
Парешонхотири афлок бошӣ.

Намехоҳам лабонат бе табассум,
Табассум аз лабонат гашта саргум.

Намехоҳам ду чашматро пури нам,
Ба рухсорат равона ашки пурғам.

Намехоҳад дилам, бошӣ парешон,
Ба пеши гардишоти чарх ҳайрон.

Туро бахтеву толеъ хоҳаму бас,
Худовандо, ба ин фарёди мо рас.

Соли 1993

## ВАҲДАТ

Ваҳдат шиору валвалаи «зиндабод» нест,
Ваҳдат чу бод нест!
Ваҳдат вуҷуди мост,
Буду набуди мост.
Онро макон на латтаи сурху
сафеду сабз ба девори безабон
гардида чормех.

Ваҳдат ниҳоди мост,
Бал иттиҳоди мост.
Ваҳдат вуҷуди ишқу пур аз меҳри пуршарар,
Балки макони ӯст
Дар қалби ҷонҳову
ниҳон дар ҷилои чашм.
Ваҳдат вуҷуди одамӣ
пайванд бо худист
Пайванд бо Худост!
Ваҳдат муқаддас аст,
Ваҳдат муқаддас аст!

# НАВИДИ СУБҲИ БАҲОР

Рӯзе сабоҳи сидқ ба ҳангоми навбаҳор,
Ошуфтаеву хаста бидидам яке нигор.

Чашми сиёҳи пурнами ӯ барқ мезадӣ,
Рӯзард гашта, ашк ба рухсорааш қатор.

Аз ҳоли зори ӯ дили ман гашт пур зи ғам
Эй зиндагӣ, чӣ суд чунин бахти бебарор.

Наздики ӯ бирафтам оҳиста бо салом,
Кардам суол чанд аз ӯ ҳуш бурда кор.

Гуфтам: «Бигӯ ба ман, зи кӣ озор дидаӣ? »
Гуфто: « Чӣ пурсиям, ки ба монанди ман ҳазор ».

Гуфтам: «Зи дарди ишқ надорӣ ба дил асар? »
Гуфто, ки «Дил зи кори сиёсат пури ғубор».

Гуфтам: «Касе ки дасти сиёсат гирифтааст? »
Гуфто, ки «Оқибат бишавад пеши халқ хор».

Гуфтам: «Чаро ту раҳ зи сиёсат буридаӣ?»
Гуфто: «Бубин, ки киҳост дар ин роҳ пешкор!?»

Гуфтам: «Агар зи пас-паси инҳо равӣ чӣ суд?»
Гуфто: «Ба нима нони ҷавин мешавем зор».

Гуфтам: «Силоҳ гирифта гурӯҳе ситодаанд?»
Гуфто: «Бигӯй, ҳеҷ силаҳро набурда кор».

Гуфтам: «Зи ҳоли мардуми худ арзи ҳол кун»
Гуфто: «Набудӣ ҳеҷ замоне чунин низор».

Гуфтам: «Чӣ кард боз, ки бинем рӯзи нек»
Гуфто, ки «Ҳеҷ чиз ба ҷуз заҳнатеву кор».

Гуфтам: «Бигӯ, ки оқибаташ мешавад ба хайр?»
Гуфто: «Кунем тарк агар бангу кӯкнор».

Гуфтам: «Барои нек шудан худ ҳамин бас аст?»
Гуфто: «На, ин кам аст, ки тадбирҳо биё».

Гуфтам: «Тавонӣ гӯӣ якояк барои мо,
То он ки баҳри равнақу накӣ барем ор».

Гуфто, ки «Дӯстист аввал рӯ ба сӯӣ бахт,
Шохи дарахти дӯстӣ гардида пур зи бор.

Гар дӯстист беғаразу бетамаъ, равост,
Бо ҷон бигирӣ дар раҳӣ ин дӯстӣ қарор.

Бояд ки кишта тухми накӯӣ ба мазраҳо,
Бар рағми шарри аҳриманӣ бурда корзор.

Гӯянд Қибла буда падар, Каъба модар аст
Тоъат бикун ба Каъбаву ин Қибла бешумор.

Ҳамсоя даст дода ба ҳамсояи дигар,
Ғайбат канор монаду дар байн дастёр.

Иллат ҳама нифоқу порокандагӣ бувад.
Бошем иттифоқу ҳаме дӯстдору ёр.

Хуллас, гиреҳи ин ҳама тадбир дӯстист,
Шохи дарахти дӯстӣ бояд ки пур зи бор.

Дигар чӣ гӯямат, ки ҳамин гуфтанӣ бас аст,
Ҳар чиз гуфтаем барорем рӯи кор».

Инро бигуфт ӯву намудем хайрбод
Охир чунин қатъ бишуд гуфтаву гузор:

Гуфтам: «Бигӯ, ки фасли хазон дидаӣ абад?»
Гуфто: «Зи пушти дай бирасад бӯи навбаҳор!»

Соли 1991

# ҶАҲОНИ ШОИР

## ТАМАННОИ СОЛИНАВӢ

Дӯстон бо сад умеди неку бо сад фоли нав,
Хайра мақдам гуфта истиқбол гирем соли нав.
Соли нав орад ба мардум муждаи наврӯзгор
Рӯзии нав, бахти нав, нури зиё, иқболи нав.

Халқи мо аз соли нав дорад умеди бешумор,
Зиндагӣ то ранг гирад, ранг монанди баҳор.
То шавад сарсабз аз нав кӯҳсори тоҷикон,
То ба худ ояд зи нав ин миллати бо нангу ор.

То нагардад дар фазо овози як тире баланд,
То ба дасти худ наандозем мо дар пой банд.
Аз силоҳ бигзашта омезем бо сулҳу салоҳ,
Бишнавем аз некпирони ба нангу ор панд.

Роҳи сулҳу ваҳдати дилҳо намуда ҷустуҷӯ,
Ҳарф аз сидқу сафо гӯему аз ҷон гуфтугӯ.
Зиндагӣ подор бошад қалби мо поянда тар
То дарахти дӯстӣ бошад мудом андар нумӯ.

Зиндагӣ дорад тақозо ақлу афкори дигар,
Фазли нав, кирдори нав, фархунда гуфтори дигар.
То зи нав эҳё шавад бо ранги пешин зиндагӣ
Ҳиммату номус бояд, ё ки рафтори дигар.

То зи сулҳу амният созем мо гуфтугузор,
То зи нав гирад ҷаҳони одамият рангу бор.
Сози ҳастӣ то навои хуштаре гирад баланд,
Заҳнати эъҷоз бояд, боядо дастони кор.

Дӯстон бо сад умеди неку бо сад фоли нав,
Хайра мақдам гуфта бархезем сӯи соли нав.
Соли нав орад ба мардум муждаи наврӯзгор,
Рӯзии нав, бахти нав, нури зиё, иқболи нав!

Моҳи декабри соли 1994

## ШУКРИ ВАҲДАТ

Шукри миллат, шукри ваҳдат
Шукри истиқлоли тоҷик.
Шукри бахту ҳам саодат,
Шукрати иқболи тоҷик.

Ҳамнаво шуд Рашту Хатлон,
Бо Ҳисору ҳам Зарафшон,
Суғд ҳамрози Бадахшон
Ҳам Душанбеи гулафшон.

Шукри миллат, шукри ваҳдат,
Шукри истиқлоли тоҷик.
Шукри бахту ҳам саодат,
Шукрати иқболи тоҷик.

Бо паёму нав ҳидоят,
Роҳи мо гашта дурахшон.
Сулҳу ваҳдат партавафшон
Дар диёри Тоҷикистон.

Шукри миллат, шукри ваҳдат,
Шукри истиқлоли тоҷик.
Шукри бахту ҳам саодат,
Шукрати иқболи тоҷик.

Халқи тоҷик ҳамнаво шуд,
Ҳамдилу ваҳдатсаро шуд,
Ботини ӯ пурзиё шуд,
Зиндагонӣ пурсафо шуд.

Шукри миллат, шукри ваҳдат
Шукри истиқлоли тоҷик.
Шукри бахту ҳам саодат,
Шукрати иқболи тоҷик.

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Забони илму фарҳанги замонӣ,
Забони насру назми ҷовидонӣ.
Забони Рӯдакӣ, Тӯсию, Сино,
Забони ҷумлаи аҳли маонӣ.

Забони Мавлавии Руму Аттор,
Забони назмпардози Низомӣ.
Забони Ҳофизу Саъдии Шероз,
Забони Бедилу Махфию Ҷомӣ.

Забони рози халқи неккирдор,
Забони тоҷдорони каёнӣ.
Мақоматро баландӣ зеб дорад,
Забони аҳли ҷадди ориёнӣ.

## ШОД БОД

Сарбаланду сарфарозу шод бод,
Аз ҳама андӯҳу ғам озод бод.

Он ки бо мо ҳамқадам дар зиндагист,
Ҳар қадам ӯ дӯстонро ёд бод.

Бо ҳама пастию нокомии чарх
Ҳар кӣ бошад, дӯстонро ёд бод.

То абад бодаш равон дар шӯри ишқ,
То макони ишқи ӯ obод бод.

Лаҳзае талхаш набинад рӯзгор,
Ғам гурезон з-ӯ ба сад фарёд бод.

Дар тариқи ишқу дар сидқу сафо
Ишқи ӯ шаҳномаи Фарҳод бод.

Ҳар кӣ бо мо ҳамсафи ин рӯзгор,
Шод бодо, шод бодо, шод бод!

## КОФИСТ

Дӯстон ҳарчи маро дода Худо, он кофист,
Зиндагӣ то гузарад, ними лаби нон кофист.

Мансабу ҷоҳу ҷалолеву сафо нест хушам,
Рӯҳи озод басу чеҳраи хандон кофист.

Боғи Фирдавс набошад ҳавасам, гарчи хуш аст,
Баҳри ман атри гули Боғи Хиромон кофист.

Шоирон гарчи зиёданд, вале тимсолам
Пури Бунёд басу Ҳайрати хушхон кофист.

Қайсро чун ҳаваси васл бувад аз Лайло,
Олами ишқи маро гулрухи Шуғнон кофист.

Дӯстам, майли ту бар шаҳри азим аст, хуш аст,
Бар мани дилшуда гулдеҳаи Тусён кофист.

Пеши ҳар соҳиби мансаб нанамоям сар хам,
Оре, оре, ки маро мансаби Виҷдон кофист.

## ҚАСИДАИ БАДАХШОН

Ҷаҳон донад Бадахшон кӯҳсор аст,
Ба тӯлу арз яксар сангзор аст.
Дили ҳар фарди он паҳнои гардун,
Ки дар он рӯзу шомаш шӯълазор аст.

Дар он ҷо осмон соф асту равшан,
Дар он ҷо бахтро маъвою маскан.
Дар он ҷо фитрату бунёди инсон,
Дар он ҷо некхоҳӣ ҷони ҳар тан.

Дар он ҳам Шоҳи Тирандоз ғунҷад,
Хуҷанду Вахшу ҳам Дарвоз ғунҷад,
Аз он Сайҳуну Ҷайҳунанд ҷорӣ,
Дар он сад розу савту соз ғунҷад.

Дар он афсонаи Лайливу Маҷнун,
Дар он Ширину Фарҳоди ҷигархун.
Дар он Албурзу кӯҳи Қофу Симурғ,
Зулайхое, ки Юсуф кард дилхун.

Дар он ҷо Ҷам ва ҷомашро макон аст,
Сулаймон бо нигинаш посбон аст.
Сикандар ҳасту ҳам ойинаи ӯ,
Дар он ҷо Оли Сомон шодмон аст.

Дар он «Қонун»-и Сино ҳукмрон аст,
Тамоми мардумаш «Шаҳнома»-хон аст.
Дар он ҷӯёст ҳар кас «Маснавӣ»-ро,
«Авасто» хуш нишон аз Ориён аст.

Дар он фарҳанги як олам ниҳон аст,
Дар он аз ҳикмати Ҳотам нишон аст.
Ба саҳнаш Борбад нохун занад боз,
Мадан, гӯӣ, дар он ҷо нағмахон аст.

Дар он Комдест андар рақси мавзун,
Навои ҳиндувон пурсеҳру афсун.
Дар он ҷо тухми фазлу илму ирфон,
Зи ҳар як қалб сабзидаст берун.

Дар он Рустам ҳамеҷӯяд амонӣ,
Сиёваш ҳаст некиро нишоне.
Бувад Таҳмина он ҷо чашм бар роҳ,
Ки Сӯҳробаш расад бо шодмонӣ.

Дар он Фирдавсӣ андар арши аъло,
Мақоми Румӣ боло аз Сурайё.
Ҳилолӣ подшоҳи кишвари ишқ,
Зи Ҷомӣ хоксоре нест воло.

Дар он ҷо Рӯдакӣ бинотарин аст,
Гумонам бо паямбар ҳамнишин аст.
Дар он назми равон дарёи ҷорист,
Муҳаббат бо садоқатҳо қарин аст…

Дар он ҷо Носири Хусрав худованд.
Ба номи неки ӯ доранд савганд.
Дар он ҷо пир бошад Шамси Табрез,
Халоиқ ҷумла бо вай решапайванд.

Дар он ҷо дӯстдори Ҳофиз астанд,
Варо мисли паямбар мепарастанд.
Китобаш зери сар, мардони хушгил
Ба фолаш компрону зинда ҳастанд.

Бадахшон маскану маъвои дилҳо,
Дар он сарсабз, гӯ, саҳрои дилҳо.
Магӯ, танг аст марзи кӯҳсораш,
Ҷаҳон ғунҷад дар он паҳнои дилҳо.

Ҷаҳон донад, Бадахшон кӯҳсор аст,
Саросар кишвари ман сангзор аст.
Бадахшонӣ, вале нозуктар аз гул,
Гули сангӣ гули доимбаҳор аст.

## МУҲАББАТИ ДИЁР

Диёри ман диёри бостон аст,
Нишони бостони ориён аст.

Дару дарвозаи Дарвоз боз аст,
Ва ҳар як фарди он меҳмоннавоз аст.

Ниёзу нози мо Ванҷ аст пурганҷ,
Фаровон ганҷи ӯ аз заҳмату ранҷ.

Дилафрӯзист худ фазли баимон,
Диёри нағмапардоз аст Рӯшон.

Ва Шуғнон зодгоҳи ориён аст,
Диёри бостони тоҷикон аст.

Ҳунар аз Шаҳдара шоҳона хезад,
Зи хокаш шоире мардона хезад.

Ба дарде оби Ишкошим даво шуд,
Варо шӯҳрат зи лаълаш то само шуд.

Гирифта ҷой андар пояи Меҳр,
Зи Мурғоб асл буда номи Помир.

Шуда Хоруғ макони илму ирфон,
Ва ҳам оинаи рӯҳи Бадахшон.

Диёрам, кишвари овозадорам,
Ту нури чашму андар тан мадорам.

## ВАТАН БОҒИ САОДАТҲОСТ

Ватан бахту саодат чун насими навбаҳор орад,
Шукуфа бар шукуфа накҳате аз кӯйи ёр орад.

Ба боғи Тоҷикистонам хазонрезон намезебад,
Насими ваҳдатафшонаш хушо атри баҳор орад.

Ватан боғи саодатҳост, ҳам паймонаи дилҳост,
Диле бо дил бипайвандад, хумор андар хумор орад.

Зи рӯи ҳамдигар мастем, гӯ, аз дарду ғам растем,
Чуноне даст бо дастем, ҷаҳоне дар канор орад.

Гузори боди истиқлол паёми дӯстӣ орад,
Навои сулҳро булбул ба чаҳ-чаҳ бешумор орад.

Ман ин боғ, аз Худо хоҳам, макони сур гардонад,
Ҷавононро саодатҳо, ба ҳар пире мадор орад.

Басо хуш гуфта Ҳофиз дар сифоти ваҳдати инсон:
«Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад!»

## БА МАРЗБОН

Эй навҷавон, марзи Ватан бас муқаддас аст,
Имону ҷони мо Ватан асту Ватан бас аст.
Марзи Ватан нишонаи номуси мову туст,
Номус нури ҷавҳари ҷону тани кас аст.

Марзи Ватан наяст яке симхори сард,
Марзи Ватан иродаи мову туро нишон.
Марзи Ватан нишонаи номуси миллат аст,
Марзи Ватан намунаи имони модарон.

Эй марзбон, марзи Ватанро ту посбон,
Хоки Ватан ба дӯши ту бошад амонате.
Осоиши замонаву амнияти диёр,
Бошӣ кафилу ҷумла намоӣ риояте.

## САҲНАИ ПАЙКОРҲО

Дар ниҳоди ман ду тан ҳамчону тан,
Гиру дори ҷовидон доранд бо ҳам тан ба тан.

Он яке ман буда марди булҳавас,
Он дигар бар қасди ӯ будасту бас.

Он яки ман бошадо қонуншикан.
Дигаре побанди қонуни Ватан.

Он чӣ мехоҳад ниҳоди одамӣ,
Дар мани ман ҷилва дорад бе камӣ.

Дар вуҷуди ман ниҳоне неку бад,
Нек бар неку бадӣ бар бад расад.

Дар ниҳоди ман мураккаб сода аст,
Содаам, гӯӣ мураккабзода аст.

Дар ниҳодам бас ҷаҳон рангин бувад,
Зиндагӣ гарчанд гаҳ сангин бувад.

Ман ба Ман ҳаргиз надорам боварӣ
Гарчи Ман дар ман намояд доварӣ.

Баски андар ман ду ман доим ба ҷост,
Худ вуҷудам саҳнаи пайкорҳост.

## ГУФТУГӮ БО ПАДАР

*Ман бепадарӣ надида будам,*
*Талх аст кунун, ки озмудам.*
*Низомӣ*

Ман омадам, падар,
аз кӯйи орзу
Ман омадам, падар,
пазмони нақли ту.
Эй марди покдил,
ман пораи дилат
Пурнурчашм мард,
ман руста аз гилат.
Ман омадам, падар,
бо сад ҷаҳон умед,
Лек аз хамӯшият
ман гашта ноумед.
Бе туст дар сукут
гӯё сурӯши ман
Бар рӯи ман равон
ашки хамӯши ман.
Бо ту шудам равон
дар ҷодаи ҳаёт,
Бо ту шудам калон,
эй марди босубот.
Паҳнои ақлу ҳуш
дунёст беканор,
Ҳар панди гуфта дӯш,
дар гӯш устувор.
Дар паҳлуям кунун
ҷои ту нест кас,
Ё рафта лаҳзае
мегардӣ боз пас.
Ё аз раҳи калон
меой шодком,
Ман сӯи ту давон
бо шодии тамом.

Ҷӯборҳои ту
пуроб сар ба сар,
Кишту ниҳоли ту
пурбору гулбасар.
Савти рубоби ту,
ҷӯи пуроби ту,
Кишту савоби ту,
панду китоби ту,
То ҳаст кӯҳсор,
монанд барқарор!
Ман омадам падар,
ман омадам падар,
Ту нестӣ дигар…

Январи соли 1981

## РУҶӮИ МОДАРИ ИНТИЗОР

Истодаам ман рӯи роҳ,
Чашмони ман доим ба роҳ,
Шояд ки як рӯзи Худо,
Аз дур мебинам, писар.
Эй ҷони ман, ҷону ҷигар,
Ҳар рӯзу шаб чашмам ба дар,
Бошад дарои ту зи дар,
Аз дарди худ монад ҷигар.
Ман ташнаи дидори ту,
Ҳам ташна бар гуфтори ту,
Бар рӯи чун гулзори ту,
Пазмон гардидам писар.
Дидори ту армони ман,
Гуфтори ту дармони ман,
Бурда сафедӣ чашми ман,
Бошад расад аз ту хабар.
Фарёд, сад фарёдҳо,
Вай дод аз ин бедодҳо,
Умрам ба хоку бодҳо,
Гардидаам ман дар ба дар.

Не ҳол дорам, на мадор,
Аз гардишоти чарх хор,
Бар нокасу кас гашта зор,
Кай мебиёӣ гулписар.
Ту, ай Худованди карим,
Раҳме бикун, ҳастӣ раҳим,
Ҳам буда ҳоким, ҳам ҳаким,
Ҳолам нагардад з – ин батар.
Ояд барам фарзанди ман
Ҷону ҷигарпайванди ман,
Аз пой бигсил банди ман,
Бахшо амонаш аз хатар.

Соли 1993

**САФАРИ НОУМЕДӢ**

Мисли пешина ин сафар ҳам ман
Ташнаи чашмаи Бадахшонам,
Ташнаи рӯи гарми модари пир,
Ташнаи рӯи нарми азизонам.

Лек, афсӯс, ин сафар бар ман
Пеш омад раҳи хамӯши азо.
Хонае, ки сурури кӯдакиям
Монда будам, дигар ба дӯши азо.

Бехабар мондаам, ки чун дузде
Хандаҳоям ғами гарон бурда.
Рӯҳи ошуфтаам ба хоб афтод,
Барги шохе, ки дар хазон мурда.

Заҳри ин рӯзгор дар комам,
Талхии умр нав чашидам ман.
Бо ғаму қатраҳои ашку алам,
По ба боғи алам кашидам ман.

Дида дар роҳ дӯстони куҳан
Сухани босавол меҷӯянд.
Гар бипурсам зи ҳолу кори падар ,
Мухтасар «шукр, соз» мегӯянд.

Лек ҳар кас, ки рӯ ба рӯ омад,
Рӯфта аз лабон табассуми хеш.
Дидагонаш гирифта сояи ғам,
«Бепадар гаштӣ», гӯядам дили реш.

Рӯи ҳавлӣ хамӯшу сокит монд,
Магар ин аст хонаи дигарон?
Халқи бисёр рафтуо дорад,
Мани ҳайрон, раҳи падар нигарон.

Соли 1981

## РОДМАРДОНИ ВАТАН

*(Барои собиқадорони ҶБВ)*

Аё мардони майдони шуҷоат,
Шуда бахту саодатро нигаҳбон.
Шумо пайки наҷоти кулли олам,
Шумо дасти наҷоти кулли инсон.

Шумо будед нури рағми зулмот,
Шумо Ҳурмуз рағми Аҳриманҳо,
Шумо хуршеди оламтоби рӯзед,
Шумои нурбахши роҳи фардо.

Яке карда фидо ҷони азизаш,
Ба пайкори азими хасми ғаддор.
Дигар захмӣ тану ҷон аст то ҳол,
Ки теғи ҷанг ҷисмаш карда афгор.

Дигар аз ҷангу ғамҳои ҷудоӣ,
Нишоне, ёду осоре набошад.
Ҷаҳону одамиро зеби дигар
Ба ҷуз осоишу коре набошад.

Шумо чун сафҳаи таърихи зинда ,
Варақҳои китоби зиндагонӣ.
Шумои аскарони арсаи ҷанг,
Кишоварзони майдони амонӣ.

Аё, ҷанговарони шӯҳратафзун ,
Ки ҷон бо ҷони майҳан карда пайваст.
Ба некӣ ёдгору ҷовидонед,
Ки то дунёю халқ асту Ватан аст.

## БУНЁДИ ВАҲДАТ

Аё эй мардуми покизабунёд,
Шумо ваҳдатсаро ҳам ваҳдатэъҷод.
Диле поку, ду дасте поку номе,
Бинои ҳастие аз пок бунёд.

Ҳазорон шукри ҳақ, ки дар амонем,
Зи Мавлонои Румӣ мо бихонем:
«Биё то қадри якдигар бидонем,
Ки то ногаҳ зи якдигар намонем».

Ҳама бунёди мо бунёди Ваҳдат,
Мароми мо ҳама сулҳу саодат.
Ниҳоди мо ҳамон оби зулолест,
Ки саҳни осмон бидҳад шаҳодат.

Зиҳӣ меъмори сулҳи Тоҷикистон,
Бинои давлати нав карда бунён.
Аз ин ақлу амал, з-ин роҳу тадбир,
Шуда фархунда рӯҳи Оли Сомон.

## ЁДИ БАЧАГӢ

Ёд кардам баччагии хешро
Давраи ширини пурафсонаам.
Ёд кардам ман замони кӯдакӣ,
Даврае буда ҷаҳонам хонаам.

Ёди неки баччагии ман, ба хайр,
Ёдгори наврасии ман, ба хайр.

Ғамгусор андар сарам модар будӣ,
Ҳам падар андар сарам сарвар будӣ.
Зиндагонӣ дар назар афсона буд,
Бахту толеъ пурҷило ахтар будӣ.

Ёди неки баччагии ман, ба хайр,
Ёдгори наврасии ман, ба хайр.

Ҷӯйи деҳотам буда дарёи ман,
Зодгоҳам дар назар дунёи ман.
Ҳар чӣ дидам, буду нобудам будӣ,
Орзуҳои раҳи фардои ман.

Ёди неки баччагии ман, ба хайр,
Ёдгори наврасии ман, ба хайр.

Мактаби деҳа маро дорулфунун,
Устодонам будандӣ зуфунун.
Пуштаи деҳ буд гӯё сарҳадам,
По намемондем аз марзаш бурун.

Ёди неки баччагии ман, ба хайр,
Ёдгори наврасии ман, ба хайр.

Дар ниҳоди поки ширинтифлакон
Боз меҷӯям нишони кӯдакӣ.
Аз нигоҳи поки ширинтифлакон,
Боз меҷӯям ҷаҳони кӯдакӣ.

Ёди неки баччагии ман, ба хайр,
Ёдгори наврасии ман, ба хайр.

## НАВРӮЗ ХУШ АСТ

Наврӯз хуш асту рӯзи Наврӯз хуш аст,
Наврӯзи баҳори оламафрӯз хуш аст.
Андар бари ҷӯйбор бо қакраи кабк
Мастӣ ба канори ёри дилсӯз хуш аст.

## БОЗ БӮИ БАҲОР МЕОЯД

Боз бӯи баҳор меояд,
Атри гесӯи ёр меояд.

Бас баҳору шумори сол гузашт,
Роздор ин баҳор меояд.

Марди деҳқон кучҷову ҷуфти бақар,
Навбати кишту кор меояд.

Боз аз хоки рафтагони шаҳид,
Гулу сабза қатор меояд.

Дидагонро ба некӣ боз кунем,
Зиндагӣ хушгувор меояд.

Аз садои ҳазору накҳати гул,
Бар тани мо мадор меояд.

Вақти вақт аст, тарки хоби хуш,
Ақли равшан ба кор меояд.

Ай дили доғи ошиқони чаман,
Муждаи васли ёр меояд.

Марти соли 1995

## АГАР МАН

Агар ман бахт мебудам,
Ба рӯи ту,
Ба рӯи дилкаши ту
Ман дарамро боз мекардам,
Ба навбунёдии умри сарам оғоз мекардам.
Шитобон,
Бо лаби хандон,
Дили ҳайрон,
Сари саргаштаю сарсон
Туро бо сад ҳазорон лутф истиқбол мекардам.
Навозиш менамудам,
То дилатро гарм мекардам,
Дилатро нарм мекардам.
Дар айёми накӯии муҳаббатзо
Дилатро бо дилам ҳамлона мекардам.
Ба сад узру ниёзе бо муҳаббатҳо
Туро бо хештан ҳамхона мекардам!
Агар ман…

Соли 1980

## МЕРАВӢ

Рӯзҳоям бо ту умри беҳтарин,
З-он чӣ буду ҳам гузашта аз сарам.
Ту кунун падруд гуфта , меравӣ,
Ҷуз ту дигар кас нахоҳам дар барам.

Мефароӣ з-осмони ишқи ман
Рӯи ин дунёи шебу номурод.
Меравию нимаи умрам барӣ
Ҳоли ман гӯӣ, ки «ҳар чӣ бод, бод».

Меравию менишинам рӯи раҳ,
Бингарӣ яъсу ғуруби орзу.
Менишинам дилкашолу дилгазон,
Бо умеди он ки гардӣ рӯ ба рӯ.

Соли 1984

## ЭЙ ДИЛИ БЕДОРИ МАН, БЕДОР БОШ

Аз шабон бедориям монад нишон,
Коми худро то ситонам з-ин ҷаҳон.
Бо сухан ҷӯям ба ҳастиям амон,
Эй дили бедори ман, бедор бош!

Мерасад рӯзе, ки хобе оядат,
На касе бишносию бинмоядат.
Розҳо дар банди асрор оядат,
Эй дили бедори ман, бедор бош!

Ин яқинат, бод ногаҳ як замон
Хӯрдағам бошӣ ва ё худ шодмон,
Мекунӣ падруд бо равшан ҷаҳон,
Эй дили бедори ман, бедор бош!

Сӯз гирӣ аз вуҷуди носабур,
Сард гардӣ аз диле банди ғурур.
Ҳар дилеро ҳар маҷозеву сурур,
Эй дили бедори ман, бедор бош!

Кӯшише, то заррае монӣ нишон,
Бо сахову некӯӣ дар ин миён,
То раҳе ёбӣ ба фарҳанги ҷаҳон,
Эй дили бедори ман, бедор бош!

## ПАЙДО КУНАМ

Меравам, ҳарчанд сад дарди диле пайдо кунам,
То ки бо ашки дилам шӯр аз гиле пайдо кунам.

Меравам, то ин ки осояд дилат аз дуриям.
Кунҷи ҳар вайрона гардам, манзиле пайдо кунам.

Бо ҳамин дороиям афтода дар хоки Ватан,
Дил ба меҳраш дода то соҳибдиле пайдо кунам.

Дил ба сурат ман ниҳодам, бутпарастӣ мекунам,
То зи сиратогаҳеву маҳфиле пайдо кунам.

Соли 1984

## АЗ ИШҚ ГУРЕЗАРО РАВО НЕСТ

Аз ишқ гурезаро раво нест,
Ишқи ду ҷаҳон раҳи хато нест.

Шамъи дили мо дарун- дарун сӯхт,
Аз чашм ниҳону бесадо нест.

Дардест ба ҷону нолаи мо,
Ин дарди басӯзро баҳо нест.

Шуд кӯҳна фасонаҳои Лайлӣ,
Ишқи ту фасонаи само нест.

Маҷнун чу пиёда дар биёбон,
Мо сайркунон, ки ин раво нест.

Мо ошиқиҳо наофаридем,
Ин тӯҳфа ки ҳадяи Худоист.

Бо ишқ ҷаҳони мо мукаммал,
Ҷуз ишқ ба дарди мо даво нест.

## ЗИ НАСЛИ ОРИЁ ИН ҶО МУҚИМ АСТ

Яқин, фарзанди волои бадахшӣ,
Даме парвои симу зар надорад.

Ба ҷуз тухми накӯӣ, дӯстдорӣ,
Дигар дар мазраи дилҳо накорад.

Варо қимат буда худ ҷони инсон,
Ғанимат ҷавҳари имони инсон.

Қаноат пеша дорад, ҳам тавозӯъ,
Надорад бар хаси олам таваҷҷӯҳ.

Дар ин ҷо асли инсони қадим аст,
Зи насли ориё ин ҷо муқим аст.

## З-ОДАМӢ НОМУ НИШОН МЕМОНАД

*(Ба поси хотири амаки ҷанговарам*
*Ҳотам Қарақулов)*

Одамӣ пешу пасон мегузарад,
Умр чун оби равон мегузарад.
Лаҳзае нест таваққуф бинамуд,
Зиндагӣ пои давон мегузарад.
Ҳама чиз мегузарад,
лек нишон мемонад,
Зишт ё хуб чунон мемонад.
Ҳарчӣ кардем, ҳамон мемонад.
З- одамӣ ному нишон мемонад.
Номи некӯ ба яқин
Бо ҳама ҳаст қарин,
Гӯӣ дар сафҳаи таърихи куҳан
Ҷовидон мемонад.
Ҷовидон мемонад!
Ҷовид онест, ки ҷонаш ба Ватан пайваста,
Мурғи ҷон аз қафаси тан ба чаман пайваста.

Ҷонфидоёни Ватан,
ҷовидонед Шумо,
Ҷонатон ҷони Ватан,
ҷовидонед Шумо!

## ВАНҶ

Ванҷи ману ганҷи ман – гӯшаи ободи ман,
Гӯшаи ободи ман, Ванҷи гулободи ман,
Ванҷи гулободи ман , мулки худододи ман,
Мулки худододи ман, мардуми дилшоди ман.

Мардуми дилшод, мулки худодод,
Ванҷи гулобод, гӯшаи обод.

Водии доимбаҳор шому саҳар дар нумӯъ,
Ҷилвагариҳо кунӣ бо гули хушрангу бӯ.
Халқи ту заҳматписанд , мардуми бообрӯ,
Водии хайру сахо ҳеҷ камият мабод.

Мардуми дилшод, мулки худодод,
Ванҷи гулобод, гӯшаи обод.

Мардуми меҳмоннавоз, мардуми хушнозу роз,
Ҳам дару ҳам хонашон солу маҳу рӯз боз.
Ҳиммату хайру сахо карда варо сарфароз,
Ванҷии хушрӯзи ман, ганҷи ту бодо зиёд.

Мардуми дилшод, мулки худодод,
Ванҷи гулобод, гӯшаи обод.

Мардуми заҳматкашам, баски ҳунарвар туӣ,
Дар қадами рӯзгор ном ба дафтар туӣ.
Бо ҳама пиру ҷавон ҷумла бародар туӣ,
Дар ҳама давру замон қалби ту фархунда бод.

Мардуми дилшод, мулки худодод,
Ванҷи гулобод, кишвари обод.

## АФСОНАИ РОҒУН

Миллат, ки зи хеш дасти ёрӣ ҷӯяд,
Аз зодаи худ умедворӣ ҷӯяд.
Гӯяд, ки бас аст даснигари ғайр будан,
Бингар, ки зи мо чӣ ғамгусорӣ ҷӯяд.

Ҷадди ману ту парастиши нур бикард,
Бо нур ҷаҳони хеш пурнур бикард.
Аз нур ҳама зоҳиру ботин рӯшан,
Бояд ки ба сино рози нав ҷӯр бикард.

Мову ту, биё, хонаи худ соз кунем,
Бояд ки гиреҳи кори худ боз кунем.
Олам, донам, ба мову ту дӯст шуда,
То чанд ба ёру дӯстон ноз кунем.

Аз барқ ҳама ҷаҳони зоҳир рӯшан,
Зоҳир, ки чи рӯшан аст ботин рӯшан.
Олам шавад аз оташи ту нуристон,
Аз нури ту роҳи наву пешин рӯшан.

Роғун, Роғун чӣ қиссаҳое дорӣ,
Афсонаи ту ҳақиқати ҳол шуда.
Фардои ту фардои ману мо бошад,
Бегона ба таъни ту дигар лол шуда.

## НАВРӮЗӢ

Боз баҳори Ватан бо нафаси нав расид,
Сардию сармои дай аз талу саҳро рамид.

Боз зи нав боғу роғ сабз қабое ба бар,
Духти Баҳорон бубин чанбари гул шуд ба сар.

Бобаи Деҳқони мо роҳи биёбон гирифт,
Ризқи ҳама ҷинсу инс дар кафу домон гирифт.

Дона ба мазра расид, сабза зи хоке дамид,
Обаки ҷонбахши ҷӯй мазра ба мазра хазид.

Аз бару домони дашт лола алам бар алам,
Дар бари кӯҳу камар чукрӣ қадам бар қадам.

Қақраи кабки дарӣ аз сари кӯҳ шуд баланд,
Хониши қумрию сор боғу чаман карда банд.

Аз нафаси навбаҳор зинда шуда боғу роғ,
Аз дили пиру ҷавон рӯфта сад зангу доғ.

Ишқ ба туғён шуда, машъали хубон шуда,
Булбулаки нағмагар масту ғазалхон шуда.

Боз баҳорон расид, дашту даман лолазор,
Бобаи Деҳқон равон сӯи замин бо сипор.

Боз баҳорон расид, гул заду наврӯз шуд,
Ҷумла ба созу суруд гулруху гулрӯз шуд.

Духтари наврӯзи ман дер макун бар диёр,
Шоири ту дар раҳат бо дили гарм интизор.

## СУЛҲ
*(Суруд)*

Сулҳ аст бақои давлати мо,
Сулҳ аст шукӯҳу қудрати мо.
Сулҳ аст сафои зиндагонӣ,
Сулҳ аст раҳи саодати мо.

Аз хонаи хеш, аз Душанбе
Парвоз намуда кафтари сулҳ.
Бар ҳар дару бому буми кишвар,
Гӯӣ, ки барад нишонаи сулҳ.

Мо сулҳпараст мардумонем,
Ҷуз сулҳу салоҳ раҳ надонем.
Озод бизӣ, ки Тоҷикистон,
Аз шодии ту ҳамеша шодмонем!

Соли 2000

## САРҚОНУН

Туӣ худ номаи тақдири халқам
Ва ту шаҳномаи тадбири халқам.

Низоми иқтисоду иҷтимоӣ,
Низоми қудрату афкори моӣ.

Туӣ сарчашма дар ҳар ҳукми қонун,
Ту худ сарманша андар ҳукми қонун.

Ту бинмоӣ ба мо қутби ҳаёте,
Туӣ худ такягоҳи ҳар нишоте.

Туӣ худ раҳнамои бахти кишвар,
Намоӣ ҷилваҳо монанди ахтар.

## БАДАХШОН
*(Суруд)*

Бадахшон кишвари озодагонӣ,
Бадахшонам диёри ориёнӣ.

Барои ман ту ҳам ҷону ҷаҳонӣ,
Барои ман биҳишти ҷовидонӣ.
Навою созам аз меҳри ту бошад,
Бадахшон ганҷи оламро ту конӣ.

Бадахшон кишвари озодагонӣ
Бадахшонам диёри ориёнӣ.

Бифахрам аз баландии мақомат,
Ба фардони бафазлею каломат.
Туро олам шиносад Боми дунё,
Шукӯҳи ту на кам бошад зи номат.

Бадахшон кишвари озодагонӣ,
Бадахшонам диёри ориёнӣ.

Туӣ бар фарқи олам тоҷи рангин,
Туӣ баҳри ману мо тахти заррин.
Ҳама буду набуди ман туӣ ту,
Тамоми ҳастии мо бо ту ширин.

Бадахшон кишвари озодагонӣ,
Бадахшонам диёри ориёнӣ.

## МОДАР
*(Суруд)*

Модар,
модар,
Модарам пири манӣ,
Дасти тадбири манӣ
Ва ту сарманшаи тақдири манӣ.

Модар,
модар,
модар!
Зиндагӣ сангин аст,
Дил гаҳе шоду гаҳе ғамгин аст.
Лек бо ёди ту, ай модари ҷон
Ҳар нафас ширин аст.
Бо ту ҳар нағмаи он рангин аст.

Модар,
модар,
модар!
Модарам пири манӣ,
Дасти тадбири манӣ
Ва ту сарманшаи тақдири манӣ.

Модар,
модар,
модар!
Туӣ худ шодиву ҳам шавқати ман,
Ту шукӯҳию ва ҳам савлати ман.
Дили ту Каъбаи ман,
Рухи ту Қиблаи ман
Ҳар хатое, ки будам бахшедӣ,
Туӣ ҳам бахти ману давлати ман.

Модар,
модар,
модар!
Модарам пири манӣ,
Дасти тадбири манӣ
Ва ту сарманшаи тақдири манӣ.

## БИКУН ОШИҚ

Чу дарё ҷӯш зан, эй дил,
Ва ман бошам чу ғаввосе кунун андар дили дарё.
Ва ё худ бо дили дарё.
Дар ин дунё,
ки худ монандаи дарёест пуртуғёну пурошӯб.
Гаҳе ороми фандомез бошад,
гоҳ пур аз шӯру пур аз ҷӯш.
Ба мисли шӯъла барафрӯз,
На. Бал монанди ин шамси ҷаҳонафрӯз,
Бигардон роҳи ман равшан
ба сӯи қуллаи мақсуди нопайдо.
Ғами манро бибар поён,
Ба ман шодӣ бубахшу чеҳраи хандон,
Бикун як ошиқи дар ишқи гул ҳайрон.
Ба ишқи гул? Ва шояд на.
Ба ишқи зодаи инсон.
Инсони пур аз меҳру пур армон,
Ки ҳар дам мешавад пазмон!

Соли 1980.

## БА РОСТӢ, КИ...

Гарчанд туро моҳ бигуфтанд, на онӣ,
Холи сияҳат рӯзи сиёҳ гуфта чунонӣ.

Он чеҳраи хандони ту худ мавҷи фиреб аст,
Беҳуда бигӯям, ки чунинию чунонӣ.

Худ нағз бидонӣ, ки кииву ҳамаи шаҳр
Бо шӯру шар аз пушти ту бархест, равонӣ.

Ду чашми сияҳ дорию ҳайфанд бароят,
На лоиқи чашми сияҳ, абрӯи камонӣ.

Бо ишқ маёмез, ки нопок нагардад,
Худ ишқ ба покӣ шуда машҳури ҷаҳонӣ.

Бебахт касе ёри ту гардида ба олам,
Бечораю рӯзард чунон барги хазонӣ.

Аз меҳру муҳаббат ва вафо дур ба фарсанг,
Имрӯз бари иниву фардо бари онӣ.

Шайтон, ки дар афсона бигуфтанд, набудаст,
Ту будаӣ шайтон, яқин аст, ҳамонӣ.

Соли 1981

## МЕРАВӢ

Рӯзҳоям бо ту умри беҳтарин,
З-он чӣ афтоду гузашта аз сарам.
Ту кунун падруд гуфта меравӣ,
Ҷуз ту дигар кас нахоҳам дар барам.
Мефароӣ з-осмони ишқи ман,
Рӯи оламҳои дури номурод.
Меравию нимаи умрам барӣ
Ҳоли ман гӯӣ, ки «ҳар чӣ бод бод».
Меравию менишинам рӯи хок,
Бинам ашку ғуруби орзу.
Менишинам дилкашолу дилгазон,
Бо хаёли боз гаштан рӯ ба рӯ.

Соли 1984

## ГӮЯНД, КИ МУРҒОБ НАДОРАД ГУЛУ БУЛБУЛ

Гӯянд, ки Мурғоб надорад гулу булбул,
Бо дидани ҳусни ту зи ҳар бутта дамад гул.

Лабханд занад лолаи якрӯза ба Мурғоб,
Қадраш набувад лек кам аз савсану сумбул.

Булбул шунавад нағмаи ман бо ҳаваси умр,
Афсӯс кунад з-он ки сурудаст ба ғул-ғул.

Эй он ки ба Мурғоб набинӣ гулу савсан,
Бо ман ту биё, нек шунав чаҳ-чаҳи булбул.

Кай бошаду кай сер бибӯям гули Мурғоб,
Аз накҳати ҷонбахш ба рӯям бидамад гул.

## НИҲОДИ ОДАМИЯТ АЗ НАКӮИСТ

Яке аз баҳри халқу баҳри майҳан,
Фидо бинмуда ҷону ҷовидон шуд.
Варо мақсад ягона буду матлаб,
Ки худ то халқу кишвар дар амон шуд.

Дигар дар сангари занат шабу рӯз,
Намуда бас талошу разму пайкор.
Ки андар олами пур аз такопӯ,
Ҷаҳонеро кунад пуррангу пурбор.

Ҳама пояндагӣ аз эътидол аст,
Дигар олам пур аз қилеву қолест.
Ҳама бори ҷаҳон аз заҳмату кор
Ки аз насле ба насле интиқолест.

Ҷаҳон поянда худ то одамӣ ҳаст,
Дигар одам ба одам зинда бошад.
Ниҳоди одамият аз накӯист,
Накӯии ҷаҳон поянда бошад.

## БАҲОРИ НАВ БАҲОРИ ГУЛФИШОН БОД

Баҳори пор саҳни пур зи ғам буд,
Замин аз ашки мардум зери нам буд.
Кадомин хонадон дилшод будӣ?
Дили шоду лаби пурханда кам буд.

Баҳори нав баҳори гулфишон бод,
Дили дарёи халқам шодмон бод.
Таманнояш кунам ободии умр,
Зи шарри ду ҷаҳон андар амон бод.

## ДИЛ

Чаро умедвор аз кас шавӣ, дил,
Ба уммед аз касу нокас шавӣ, дил.
Дар ин як лаҳза умри кӯтаҳи хеш,
Бас озурда зи хору хас шавӣ, дил.

## ИЛТИҶО

Ҷавониё, макун таркам ба рӯзе,
Ҷаҳон рангин шавад рӯзи тамузе.
Шитоби рӯзҳову навбати фасл,
Ба уммеди накӯву дарди сӯзе.

# ВАСФИ МАРДОНИ НАКӮКИРДОР ФАРЗ

## ПИРИ ХУШСИРИШТ

*Ба хотири академик Баҳодур Искандаров*

Субҳдам барвақт пири хушсиришт,
Он ки тухми некӯӣ якумр кишт.

Хома дар даст, ашк аз дида равон,
Қисмати халқаш ба дафтар менавишт.

Гаҳ ба таърихи куҳан бурдаш хаёл,
Ҷустуҷӯ мекард аслу сарнавишт.

Гаҳ ба ёдаш Оли Сомон мерасид,
Давлати тоҷик, к-ӯ бинҳод хишт.

Ёд гаҳ аз ҷанги хунин менамуд,
Гарчи ёдаш талх буду сахт зишт.

Гаҳ шукуфтӣ аз табассум рӯи ӯ,
Ёд аз Шӯро чу мекарду навишт.

Чун зи даври навтарин андеша кард:
Ай Худоё, деҳ амон з-ин даври зишт.

Бин, бародар бо бародар дар низоъ,
Тухми бемеҳрӣ миёни мо кӣ кишт?!

Миллатам бунёдсози қасри ишқ,
Аз бинои меҳрбораш канда хишт.

Халқи ман худ чорасози оламе,
Пас, чаро бо хештан гардида зишт.

Ҳиммате деҳ то диле равшан кунад,
Ҷӯядо анҷоми неки сарнавишт.

Роҳи мо ҷуз дӯстдорӣ нест, нест.
Ваҳдате бунёд созему биҳишт.

… Субҳдам барвақт пири хушсиришт,
Қисмати халқаш ба дафтар менавишт…

Соли 1996

## ЁДИ САРВАР МЕРАСАД

*Ба ёди шоир Сарварҷон Амирҷонов*

Ҳарфи афсуни суханвар мерасад,
Доди ҳақҷӯён ба довар мерасад.

Мешавад дар воз, бошад дар замон,
Марди хушзеҳну ҳунарвар мерасад.

Мо варо нашнохта дар зиндагӣ,
Нақши ӯ дар дил мусаввар мерасад.

Ҷониби мо аз диёри ёдҳо,
Рӯшании нури ахтар мерасад.

Рӯҳи ӯ осудаю озод бод,
Нури анворею анвар мерасад.

Дар хаёлам боз аз Дарвози мо,
Бо ҳазорон шева Сарвар мерасад.

10 ноябри соли 1998

## ДАРДОШНО

*Ба ёди шоир Нодир Шанбезода*

Аё дардошнои ҷони мардум,
Давои дарду ҳам дармони мардум.

Куҷо як ҳарфро дар парда гуфтӣ,
Куҷо рози дилатро менуҳуфтӣ.

Накӯро нек мегуфтию бад бад,
Якеро як ҳамегуфтию сад сад.

Сухан пӯшида кай гуфтӣ ба мардум,
Ҷави нокас намегуфтӣ ту гандум.

Забонат мисли теғе ҷилвагар буд,
Аз он рӯҳбаҳмизоҷе дар ҳазар буд.

Ҳақиқат ноҳақиро пардадар буд,
Зи ҳар ноаҳл ҷонат дар хатар буд.

Касе дар қалби халқи худ макон ёфт,
Яқин бошад, ки умри ҷовидон ёфт.

## УМРИ ШОИР

*(Ба ёди шоир Амонбек Шоҳзода)*

Умри шоир, яқин ки кӯтаҳ нест,
Кӯтаҳе бошад гарчи дар зоҳир.
Умри шоир ба сони шеъри дарӣ
Бардавом асту буда беохир.

Шоиро ҳеҷ гаҳ намемирӣ,
Шеъри ту худ зи умри туст нишон.
То даме шеър асту маърифат аст,
Шоиро зиндаию вирди забон!

## ЗИНДАГӢ

*(Ба ёди дӯсти хабарнигорам*
*Давлатназари Фарҳодбек)*

Ҳайрону зор гашта ман аз кори зиндагӣ,
Ҳайронтарам аз он ки шудам ёри зиндагӣ.

Бедарду ғам касе, ки фироқе надидааст,
Бӯе набурдааст зи асрори зиндагӣ.

Бедарду ғам набуду нашуд фарди беқарор,
Кишта гулеву чида басе хори зиндагӣ.

Давлатназар ғуломи қалам буду қоғазаш,
Афтод аз шукӯҳи сарахбори зиндагӣ.

Афсӯс, он азиз, ки чун барқ даргузашт,
Оне, ки буд ташнаи дидори зиндагӣ.

Бар дӯши хеш бори гарони ҳаёт бурд,
То манзиле набурд, вале бори зиндагӣ.

Чун гирдбод бурда ба худ ҳастии падар,
Модар зи бори ғам шуда бемори зиндагӣ.

Деви аҷал, ки бурд чунин навҷавон зи мо,
Шарме надошт аз худу аз кори зиндагӣ.

Соли 1987

## ҲАЙРАТ ЗИ МИЁН РАФТ

*(Ба ёди шоир Ҳайрат Шанбезода)*

Суханэъҷоз, марди хушбаён рафт,
Яке соҳибдил аз соҳибдилон рафт.

Навои кӯҳҳо сарду ҳазин шуд,
Навозан, нағмапардози замон рафт.

Ба печу тоб шуд Панҷи хурӯшон:
Дареғо, он шаҳи дарёдилон рафт.

Нидо аз Шоҳи Тирандоз омад :
Ба чархи чанбарӣ тир аз камон рафт.

Сарези мо магар гашта сарозер,
Ки ӯ монандаи оби равон рафт.

Ба Кӯҳи Лаъл гӯед, ай азизон,
Зи кони маърифат лаъли гарон рафт.

Аҷаб Пайравпарасте буду Румӣ
Ба назди дӯстдоронаш ба ҷон рафт.

Ҷаҳони нуктасанҷон тор гардид,
Ки худ он заршиноси заргарон рафт.

Нарафт аз пушти шӯҳрат , не паи ном,
Ки буд озоду чун озодагон рафт.

Гирифта тӯшаи фазлу камолот,
Сафар карда ба мулки ломакон рафт.

Ҷавоне ғамзада андар лаби ҷӯй,
Бигуфт, аз даҳр Ҳайрат ногаҳон рафт.

## ДИЛИ НАРМЕСТУ БУЗУРГ

*(Эҳдо ба фолклоршинос профессор*
*Нисормамади Шакармамад)*

Дили нармест туро, ай устод,
Дили гармест туро, ай устод.
Дили пурсӯзу вале медонем,
Гармтар карда зи меҳри аҷдод.
Дили пурсӯзтар аз «Даргилик»
Дили пазмони ҳазорон афрод,
Ки ба таърихи куҳан рафта фурӯ,
Савту созе бинамуданд эҷод.
Дили нармест туро, ай устод,
Дили ту нарм, вале ноором.
Дили пуршӯр зи умраш розист,
Решапайванди замони мозист.
Дили нармест яке чашмаи меҳр,
Нур мерезад аз он зери сипеҳр.
Савти «Даргилик» аз он мерезад,
Аз навояш гули тар мехезад.
Дили нармасту хамӯш
Дилрабо чун модар,
Гӯӣ бо лаҳни қадиме дар бар,
Бо навоҳои пур аз рози замон,
Бирасад боз ба гӯш,
Савти лолоӣ ба сад мавҷу хурӯш,
Ё «Лалаик» бидиҳад боз такон,
Ба ҷаҳоне, ки набуд ҳеҷ хамӯш.
Дили нарместу аз он
Бирасад савту навои мозӣ,
Нарм-нармак бирасад созу навои бозӣ.
«Шаҳи мо » ёди Бадахшони куҳан,
«Сартарошон» зи бахташ розӣ.
Ба ҳама нармию гармию маҷол,
Ин дили гарм наафтад ба завол,
Ки ба фарҳангу хирад ёфт камол.
Дили нармест туро, ай устод,
Дили гармест туро, ай устод!

Соли 1997

## БАРОДАРИ МЕҲТАР

*(Эҳдо ба Шодӣ Шабдолов)*

Ту ай бародари меҳтар, бидон, ки ҷони манӣ,
Ту ҷони ҷони манӣ, балки беҳ зи ҷони манӣ.
Басо касест, ки имон-ш бар садоқати туст,
Ба ин садоқату сидқат ту имтиҳони манӣ.

Ту, ай бародари меҳтар , нишони покии даҳр,
Чу нури шед барӣ муждаю паёми саҳар.
Сафою рӯшанӣ бахшӣ ҷаҳони мову маро
Зи фазлу дониши ту роҳи мост рӯшантар.

Худост шоҳиди мо, роҳи туст роҳи дуруст,
Зи баҳри халқ набошад раҳи дигар, ки накӯст.
Халоиқ асту Худо,- доварони якрӯя
Касе, ки роҳи дигар ҷуст, обрӯй бишуст.

Дар ин замона намонад навою сози дареғ,
Дар ин миёна намонад ниёзу рози дареғ.
Дар ин фасона намонад ҳавои буду набуд,
Ту, ай бародари меҳтар, ба файз бошӣ чу меғ.

Куҷост ғунчаи пажмурда, резаборонӣ,
Куҷост кишти намакхӯрда, обшоронӣ.
Куҷост чашми умеде зи нотавонии чарх,
Умеди кеҳтару меҳтар ба рӯзгоронӣ.

Туро, ки нерӯю дониш ба ақл пайваста,
Туро, ки ақл ба фазлу камол шуд баста.
Туро, ки асл баланд асту насли поконӣ,
Ба ҳалли мушкили мо баставу зи худ раста.

Ту, ай бародари меҳтар, бидон, ки ҷони манӣ,
Ту ҷони ҷони манӣ, балки беҳ зи ҷони манӣ.
Басо касест, ки имон-ш бар садоқати туст,
Ба ин садоқату сидқат ту имтиҳони манӣ.

## МАРДИ МАЙДОН

*(Ба ёди марди шариф*
*Шоҳнеъматуллои Маҳмадшоҳ)*

Покии виҷдону исмат,
Гармии меҳру муҳаббат,
Ваҳдати азму садоқат
Дар замири ту буди худ ҷобаҷо
Марди майдон,
Марди мардон,
Марди роҳ.
Дар набарди зиндагонӣ будаӣ ту марди мард,
Дар миёни родмардон будаӣ ту марди фард.
Ҳиммату мардӣ мақоматро баландӣ дода буд,
Доштӣ бар дӯши худ бори ҳама буду набуд.

Зиндагонӣ дар харошу ту буди андар талош,
Баҳри ёрон, баҳри халқи хеш ҷусти шодбош.
Чун дили кӯҳсор будӣ, дар дили кӯҳсор ҷо
Манзилу маъвот моро дарду панду раҳнамо.

Зиндагиро чун баландии ҷаҳон бишнохтӣ,
Одамиро зери хоку осмон бишнохтӣ,
Оламе тай гашту бар ҷой аст некӯахтарӣ,
Одамӣ бигзашту мемонад паи одамгарӣ.

Бо ҳама покию исмат,
Бо ҷаҳони пурмуҳаббат,
Бо ҳама сидқу садоқат
Бо марому қалбҳо мондӣ ба ҷо
Марди майдон,
Марди мардон,
Марди роҳ.

## РОДМАРДИ ВАТАН

*(Эҳдо ба генерал-майор Қалъадор Бақоев)*

Эй ту мардӣ, мардҳо аз родмардони Ватан,
Эй ту фардӣ, фардҳои марди майдони Ватан
Меҳр андар сина дорӣ, меҳри майҳан бешумор,
Хуш бизӣ андар дили мо чун нигаҳбони Ватан.

Чун уқоби қуллаҳо парвози дур омӯхтӣ,
Дарси ибрат аз китоби зиндагӣ андӯхтӣ.
Дур будӣ гар зи ёреву диёрат, дар замон
Машъали тобанда аз шаъну шараф афрӯхтӣ.

Эй ки андар хизмати халқу Ватан кӯшидаӣ,
Сирру асрори ниҳон дар синаат пӯшидаӣ.
Роҳи худ бастӣ зи айшу ишрату кайфу сафо,
Эй басо заҳмат ба роҳи худфурӯзӣ дидаӣ.

Рутбаи олӣ нишони хизмати волои туст,
Ин мақоми одамият, қиммати болои туст.
Рутбаи олӣ нишони покию покизагист,
Рӯзгорат бобақо аз покии волои туст.

Омадӣ, хуш омадӣ мо чашмчорони туем,
Ҷумлагӣ пазмони рӯи чун баҳорони туем.
Омадӣ, хуш омадӣ то ташнагиҳо бишканем,
Ташнагони лафзи ширини ҳазорони туем.

Омадиву бахри Тусёнат шараф овардаӣ,
Дурри заҳматро зи аъмоқи садаф овардаӣ.
Омадӣ бар деҳи худ бо сарбаландии тамом,
Сад шараф аз хизмати некат ба каф овардаӣ.

Эй ту мардӣ, мардҳо аз родмардони Ватан,
Эй ту фардӣ, фардҳои марди майдони Ватан
Меҳр андар сина дорӣ, меҳри майҳан бешумор,
Хуш бизӣ ту баҳри фардо чун нигаҳбони Ватан.

## ЭЪҶОЗИ МАЙСАРА

*(Эҳдо ба Ҳунарманди мардумии*
*ҶумҳурииТоҷикистон*
*Майсара Дилдорова)*

Ширину дилнавоз чи овози Майсара,
То Моҳу Зӯҳра мерасадо рози Майсара.

Осон мадон ту рози ҷаҳоне, мураккаб аст,
Гӯӣ кушоишест дар алфози Майсара.

Қимат[1], магӯ, ки рахт бубаста аз ин ҷаҳон
Бо ҳар наво-ш зинда ӯ дар сози Майсара.

Моро кам аст қудрати идрок дар ҳунар ?
Ё худ кам аст қудрати эъҷози Майсара?

Бовар, ки Хусраве[2] ба диёри ҳунар бувад,
Ӯ ҳамдаместу ҳамдилу ҳамрози Майсара.

Дар ҷодаи ҳунар ба ҷуз аз заҳмати худаш,
Ӯ дастгир гаштаву дамсози Майсара ?!

Бас дар ҳунар,ки лоф ба исторагӣ зананд,
Соҳибҳунар кӣ дидаӣ анбози Майсара?

1 Қимматшоҳи Шоҳискандар – навосанҷи маъруф дар назар аст.
2 Бовари Хусрав- актёр, ҳамсари ҳунарпеша.

## БОЗ ТАДБИРИ НАВ ЗИ ИЛМ БИҶӮ

*(Эҳдо ба профессор Гулаҳмади Раҳмихудо)*

Боз тадбири нав зи илм биҷӯ,
Хонҳо пур шаванд аз марҷӯ.[1]

Илм чун бо амал бипайвастаст,
Ризқи моён зи илми бо амал аст.

Марди фозил на аз паи ном аст,
Паи тадбиру аз паи ком аст.

Рӯи хок одамӣ равон бошад,
Баҳри нафъи ҷаҳон давон бошад.

Дар ҳамин ҷода марди майдонӣ,
Аз пайи сирри чархи гардонӣ.

Хидмати халқ- аён мақсади ту,
Дили он ошёну маснади ту.

## ШЕЪРИ ТУ УМРИ ҶОВИДОНАИ ТУСТ

*(Эҳдо ба шоири Халқии Тоҷикистон,
устод Ширин Бунёд)*

Дар ҷаҳони фано бақои ту шеър,
Пуштбону падарпаноҳи ту шеър.

Соҳибӣ дар Замин маҷӯй зи кас,
Пуштбонат Худо, давои ту шеър.

[1] Марҷӯ--марҷумак, ки олим оиди коштан ва парвариши он дар шароити баландкӯҳ (Помир) тадқиқот бурда рисолаи докторӣ ҳимоя намуд.

Халқ аз пушти ту равону равон,
Иддае пурнаво, навои ту шеър.

Шеъри воло мақоми олии туст,
Худ мақомат раво, сазои ту шеър.

Ҳаст дар растаҳои ҳарфу сухан
Гарм дӯкони ту, матои ту шеър.

Ҳазорон, ки маҳдуди молу манол,
Ҳудуди ту боло, самои ту шеър.

Агар ҳастии мо пазирад фано,
Туӣ бобақою бақои ту шеър.

## РАҲИ НИМАСРААТ МУБОРАК БОД

*(Эҳдо ба шоир Лаълҷубаи Мирзоҳасан)*

Аз Худо хоҳамат раҳи испед,
Бирасӣ то ба қуллаҳои мурод.
Раҳи нимасраат муборак бод,
Ним асри дигар бубинӣ шод.

Ним асри талошу тадбират,
Дар раҳи илму дар раҳи эҷод.
Дар раҳи ҷустуҷӯи беохир,
Боли парвози ту қавитар бод.

Сина ганҷинаи муҳаббати халқ,
Дили ту пур зи ишқи ёру диёр.
Аз Худо хоҳамат бародари ман,
Сабзгун рӯзгор ранги баҳор!

# МУНДАРИҶА

Ӯ ҷон гудохтасту аз он шеър сохтаст
(Ширин Бунёд) .......... 3

**Дар чаҳорчӯбаи сиёсат**
Дар хоби гарон рав .......... 6
Сиёсат .......... 8
Дил .......... 9
Фардо ҳамерасад .......... 10
Бозсозӣ .......... 11
Чаро? .......... 12
Сурӯши кӯҳи камол .......... 13
Намехоҳад дилам .......... 14
Ваҳдат .......... 14
Навиди субҳи баҳор .......... 15

**Ҷаҳони шоир**
Таманнои солинавӣ .......... 18
Шукри ваҳдат .......... 19
Забони тоҷикӣ .......... 20
Шод бод .......... 20
Кофист .......... 21
Қасидаи Бадахшон .......... 22
Муҳаббати диёр .......... 24
Ватан боғи саодатхост .......... 25
Ба марзбон .......... 25
Саҳнаи пайкорҳо .......... 26
Гуфтугӯ бо падар .......... 27
Руҷӯи модари интизор .......... 28
Сафари ноумедӣ .......... 29
Родмардони Ватан .......... 30
Бунёди Ваҳдат .......... 31
Ёди бачагӣ .......... 32
Наврӯз хуш аст .......... 33
Боз бӯи баҳор меояд .......... 33
Агар ман .......... 34

Меравӣ ........................................................................ 34
Эй дили бедори ман, бедор шав .......................................... 35
Пайдо кунам ................................................................. 36
Аз ишқ гурезаро раво нест ............................................... 36
Зи насли ориё ин ҷо муқим аст........................................... 37
Аз одамӣ ному нишон мемонад .......................................... 37
Ванҷ ............................................................................. 38
Афсонаи Роғун .............................................................. 39
Наврӯзӣ ....................................................................... 39
Сулҳ ............................................................................. 40
Сарқонун ...................................................................... 41
Бадахшон ..................................................................... 41
Модар ........................................................................... 43
Бикун ошиқ ................................................................... 44
Ба ростӣ, ки ................................................................... 44
Меравӣ ........................................................................ 45
Гӯянд, ки Мурғоб надорад гулу булбул ................................ 46
Ниҳоди одамият аз накӯист ............................................... 47
Баҳори нав баҳори гулфишон бод ........................................ 47
Дил .............................................................................. 48
Илтиҷо ........................................................................ 48

**Васфи мардони накӯкирдор фарз**

Пири хушсиришт ............................................................ 50
Ёди Сарвар мерасад ........................................................ 51
Дардошно .................................................................... 52
Умри шоир ................................................................... 52
Зиндагӣ ....................................................................... 53
Ҳайрат зи миён рафт ...................................................... 54
Дили нарместу бузург ..................................................... 55
Бародари меҳтар ........................................................... 56
Марди майдон ............................................................... 57
Родмарди Ватан ............................................................. 58
Эҷози Майсара .............................................................. 59
Боз тадбири нав зи илм биҷӯ ............................................ 60
Шеъри ту умри ҷовидонаи туст ......................................... 60
Раҳи нимасраҳат муборак бод ........................................... 61

**Алидоди Чароғабдол**

**САБОҲИ МАРДОН**
***(шеърҳо)***

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 14.03.2011 супурда шуд.
Чопаш 16.03.2011 ба имзо расид.
Коғази офсет. Чопаш офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 4.0. Андозаи 60x84 1/16.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а.